# ТАҚРИЗИ

муқаррризи расмӣ ба диссертатсияи доктории Курғанов Зохид Дехканович дар мавзуи «Таҳқиқи муқоисавӣ-таърихии унсурҳои ёвари сервазифаи осори садаҳои X-XIII бо даврони муосир» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.00.–Забоншиносӣ (10.02.20.–Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқобилавӣ.–Хуҷанд, 2024.–343 с.

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самти илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст**. Мусаллам аст, ки дар забоншиносии тоҷик дар тули даҳсолаҳо бисёр масъалаҳои мубрами давраҳои гуногуни инкишофи таърихи забони тоҷикӣ, чун омӯзиши вижагиҳои луғавӣ, савтӣ ва дастурии таърихи забонамон мавриди пажуҳиш қарор гирифта, асару мақолоти зиёде дар ин самт манзур гардида, вижагиҳои дастурии бархе аз осори куҳан ва ба ин тариқа умумияту фарқияти забон дар муддати ҳазорсолаҳо муайян гардида бошад ҳам, то кунун дар назди аҳли пажуҳиш як силсила масъалаҳои дар робита ба вожашиносӣ ва сарфу наҳвшиносӣ қарор дорад, ки яке аз ҳамин масъалаи камтаҳқиқшудаи таърихи забонамон ба таври қиёс мавриди пажӯҳиш қарор гирифтани унсурҳои ёвари сервазифаи осори адабиёти классикии пешин, аз ҷумла садаҳои X-XIII маҳсуб меёбад. Ба таҳқику баррасии мавзуи номбаршуда рисолаи илмии унвонҷӯ Курғанов Зохид Дехканович дар мавзуи «Таҳқиқи муқоисавӣ-таърихии унсурҳои ёвари сервазифаи осори садаҳои X-XIII бо даврони муосир» равона гардида, дар он масоили номбаршуда аз нигоҳи вижагиҳои корбурди унсурҳои ёвари сервазифа аз назари таҳлили қиёсӣ-таърихӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, сабабҳои бар дӯши гурӯҳе аз вожаву таркибҳо вогузор шудани чанд вазифаи дастурӣ нишон дода шудааст. Ба қавли муҳаққиқ, то имрӯз ба таври комил таҳқиқ нагардидани гузаштаи дури унсурҳои ёвари сервазифа боиси ба забони тоҷикӣ роҳ ёфтани иштибоҳҳо дар кор фармудани ин гуна вожаву таркибҳо шуда, ноогоҳона истифодаи пешоянди «аз» бар ивази «ба» сабаби роҳёбии ғалат ба услуби баён ва амсоли инҳо гардидааст.

Аз ин рӯ, аз мадди назари аҳли пажуҳиш пинҳон мондани таърихи унсурҳои ёвари сервазифа унвонҷӯро водор сохтааст, ки ба таҳқиқи ин масъала таваҷҷуҳ карда, осори хаттии манзуму мансури садаҳои X-XIII, ки инъикоскунандаи беҳамтои вазъи инкишофи забони адабии форсӣ-тоҷикӣ ба шумор меравад ва ба туфайли қиёси онҳо бо сарчашмаҳои даврони баъдӣ умумияту тафовути ин забонро дар муддати тулонии мавҷудияташ муайян намояд. Инчунин дар рисола вижагиҳои корбурди унсурҳои ёвари

сервазифаи маъхазҳои қарнҳои X-XIII ва даврони муосирро муҳаққиқ ба таври қиёс баррасӣ кардааст. Бинобар ин, диссертатсияи аз тарафи Курғанов Зохид Дехканович дар мавзуи «Таҳқиқи муқоисавӣ-таърихии унсурҳои ёвари сервазифаи осори садаҳои X-XIII бо даврони муосир» омода гардида ба самти забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ ва шиносномаи ихтисоси илмии 10.02.00.–Забоншиносӣ (10.02.20.–Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқобилавӣ) комилан мувофиқат менамояд.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия**. Унвонҷӯ Курғанов Зохид Дехканович мавзуеро мавриди таҳқиқ қарор додааст, ки ба бахши сарфиёти забоншиносии тоҷик аз нигоҳи муқоисавӣ-таърихӣ рабт дошта, актуалӣ ва билкулл нав маҳсуб мееёбад. Таҳлилу нишон додани вижагиҳои унсурҳои ёвари сервазифаи осори садаҳои X-XIII аз нигоҳи қиёсӣ-таърихӣ, нишон додани вазифаҳои пешоянду пайвандак ва ҳиссачаҳо, дастабандию таҳлил ва таҳқиқи илмии онҳо яке аз масоили мубрамро касб кардааст. Ин мубрамӣ боис шуда, ки бо истифода аз осори назарии соҳаи сарфии забон ва маводи фаровони осори садаҳои X-XIII ба таҳқиқи вижагиҳои унсурҳои ёвари сервазифа дар шакли рисолаи илмӣ аз тарафи унвонҷӯ Курғанов Зохид Дехканович дар мавзуи «Таҳқиқи муқоисавӣ-таърихии унсурҳои ёвари сервазифаи осори садаҳои X-XIII бо даврони муосир» омода гардад, ки айни муддао ва мубрам дониста мешавад.

Дар бобати корбурди унсурҳои ёвари сервазифа ҳам дар таърихи забони тоҷикӣ, ҳам забони муосири тоҷикӣ, нақши онҳо дар суратгирии муносибатҳои грамматикӣ таҳқиқоти алоҳидае ба анҷом нарасидааст ва таҳлили доманадори он баррасӣ нагардидааст. Зимни таҳқиқи мазкур унвонҷӯ дар назди худ ҳадаф гузоштааст, ки таърихи корбурди унсурҳои ёварро дар ин садаҳо нишон дода, сабабҳои ба чунин вижагӣ доро гардидани ин гурӯҳи аносири сарфию наҳвии забони осори адибони ин марҳила ва вазифаҳои мухталифи онҳоро ошкор созад. Аз саъйу кӯшиши барзиёди унвонҷӯ бармеояд, ки ба таҳаввулоти шакливу маъноӣ дучоргардидани чунин унсурҳои ёвар дар ҷараёни корбурд ва умумияту тафовути онҳоро бо ҳолати имрӯзаашон муайян карда тавонистааст, ки шоистаи таҳсин аст. Инчунин бартарии таҳқиқи дигари унвонҷӯ дар он аст, ки зимни дараҷаи омӯзиши мавзуъ осори илмии дар ин самт ба таври ночиз бошад ҳам, мавриди баррасӣ қарор дода, эҳтиром ба муҳаққиқони пеш аз худ гузоштааст, ки ин низ яке аз меъёрҳои кори илмии воқеӣ маҳсуб ёфта, дар ҳамин поя манзури муҳаққиқону донишмандон намудану ба ҳимоя пешниҳод гардидани диссертатсияи доктории Курғанов Зохид Дехканович дар мавзуи «Таҳқиқи муқоисавӣ-таърихии унсурҳои ёвари сервазифаи осори садаҳои X-XIII бо даврони муосир» бешак андешаҳои фавқро собит менамояд.

**Дарачаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Навгонии илмии диссертатсия дар он зоҳир меёбад, ки бори нахуст вижагиҳои корбурди таърихи унсурҳои ёвари сервазифа ба риштаи таҳлил кашида шуда, онҳо бо забони адабии муосири тоҷикӣ қиёс гардида, дар тули инкишофи сеҳазорсолаи забони тоҷикӣ ҷараёни майл кардани унсурҳои ёвар аз маҳдудвазифагӣ ба сервазифагӣ ошкор гардида, сабабҳои рухдоди чунин майлон бо зикри далелҳо баррасӣ шуда, корбурди унсурҳои ёвари сервазифаи забону услуби назму насри садаҳои X-XIII ва даврони муосир муайян гардида, умумияту тафовути забони осори садаҳои X-XIII бо забони адабии имрӯзаи тоҷикӣ нишон дода шудааст. Инчунин корбурди пешояндҳои алоҳида дар вазифаи чанд пешоянди дигар ё пасоянду пайвандаку ҳиссача баррасӣ гардида, такдири баъдии онҳо на танҳо бо шакли меъёрии забон, балки бо шакли шифоҳиву гӯйишияш низ ҳаллу фасли худро ёфта, сабабҳои яквазифагии қисме аз аносири ёвар ва сервазифагии ҳиссаи дигари онҳо нишон дода шуда, пайомади онҳо дар даврони ҳозира бо зикри далелҳои фаровон нишон дода мешавад.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ бо он собит мешаванд, ки дар таҳқиқи диссертатсионӣ аз консепсияҳои илмӣ ва назарии забоншиносони қиёсии ватанию хориҷӣ истифода шудаанд. Дар маҷмуъ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ аз дақиқияти маълумот, мутобиқат намудани ҳаҷми маводи таҳқиқ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқ, ҳаҷми интишорот ва интихоби дурусти методҳои таҳқиқ бармеояд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқи назарӣ пешниҳод гардида, дар онҳо дурнамои мавзуи таҳқиқӣ муайян шудааст.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.** Аҳаммияти назарии мавзуи диссертатсияи доктории Курғанов Зохид Дехканович дар он зоҳир мешавад, ки то кунун оид ба ин мавзуъ дар забоншиносии муқоисавӣ ягон кори илмӣ ба анҷом нарасида, дар диссертатсияи мазкур умдатарин масоили назарии марбут ба корбурди унсурҳои ёвари сервазифа аз ҷиҳати муқоисавӣ-таърихӣ ва қиёсӣ мавриди таҳқиқи густурда қарор гирифта, ҷараёни ба таҳаввулоти шакливу маъноӣ дучоргардии онҳо дар заминаи маводи фаровони фактологии аз даврони мухталифи инкишофи забони форсӣ-тоҷикӣ гирдомада ошкор карда шудааст. Дар ҷараёни баррасӣ унвонҷӯ кӯшиш кардааст, ки раванди бар дӯши унсурҳои ёвар бор шудани вазифаи мухталиф нишон дода шуда, такдири имрӯзаи онҳо низ инъикос карда шавад. Натиҷаҳои аз диссертатсия бадастомадаро муҳаққиқ барои комил гардидани

маводи осори таҳқиқии марбут ба таърихи калимаҳои ёвар, ошкор шудани раванди таҳаввулоти онҳо мададрасон ҳукм мекунад, ки дуруст аст.

**Аҳаммияти амалии** таҳқиқ дар он аст, ки натиҷаву хулосаҳои таҳқиқро метавон дар таълиму тадриси курсҳои тахассусӣ аз ҳар се даврони таърихи забони тоҷикӣ (бостон, миёна ва нав), фанҳои интихобии таърихи унсурҳои ёвари сервазифа ба кор бурда, натиҷаву хулосаҳои диссертатсияро метавон дар таҳияи китобҳои дарсӣ аз сарфу наҳви таърихии забони тоҷикӣ, дастурҳои таълимии забоншиносӣ ва луғатҳои тафсирӣ, баргузории курс ва семинари назариявию амалӣ аз таърихи забони тоҷикӣ истифода кардан мумкин аст. Аз маводди диссертатсия ҳамчунин магистрантону докторантон дар ҷараёни таълифи рисолаҳои магистриву доктор PhD-и худ метавонанд баҳрабардорӣ намоянд. Дар ин асос, мавзуи диссертатсияи доктории довталаби дараҷаи илмиро метавон мубрам арзёбӣ намуд.

**Қисмати асосии таҳқиқ.** Диссертатсияи доктории Курғанов Зохид Дехканович дар мавзуи «Таҳқиқи муқоисавӣ-таърихии унсурҳои ёвари сервазифаи осори садаҳои X-XIII бо даврони муосир» аз муқаддима, 5 боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, рӯйхати адабиёт ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия иборат буда, вобаста ба фарогирии мавзуъ дар навбати худ ҳар боб ба фаслҳо ҷудо карда шудааст. Дар ҳар кадоме аз бахшҳои диссертатсия шеваи хуби таҳқиқ, саҳеҳ нишон додани маъхазҳо, муҳокимаю баҳси пурсуди илмӣ ва натиҷагириҳои ҷолиби диққат ба назар мерасанд.

Дар **муқаддимаи** диссертатсия мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи таҳқиқи он, робитаи кор бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ, мақсаду вазифаҳо, объект ва мавзуи таҳқиқ, асосҳои назарӣ ва методологии таҳкик, сарчашмаҳои таҳқиқ, навгонии илмии диссертатсия, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ, мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ, тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ, нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ва сохтору ҳаҷми кор бо низоми муайян шарҳу баён ёфтаанд. Дар диссертатсия мақсаду вазифаҳои мушаххас пайгирӣ шуда, нуктаҳои асосие ба ҳимоя пешниҳод гардидаанд, ки воқеан, дар илми забоншиносии тоҷик ва дар самти шинохту таҳқиқи вожагони марбут ба таҳқиқи муқоисавӣ-таърихии унсурҳои ёвари сервазифаи осори садаҳои X-XIII аҳаммияти вижаи илмӣ доранд.

Боби **якуми** диссертатсия «Аз таърихи тадқиқи ҳиссаҳои ёвари нутқ» номгузорӣ гардида, фарогири се фасл аст ва дар онҳо оид ба пажуҳишҳое, ки аз ҷониби муҳаққиқон доир ба масоили пешояндҳо, пайвандакҳо ва ҳиссачаҳо сурат гирифтааст, маълумот дода шудааст. Фасли аввали

диссертатсия «Пешояндҳо» ном дошта, дар ин фасли диссертатсия аз хусуси таҳқиқоти ба таркиби морфологии пешояндҳо, вазифа ва маъноҳои онҳо, ки забоншиносон дар заминаи осори манзуму мансур ба доираи таҳлил кашидаанд, сухан меравад. Ошноӣ бо мазмуну муҳтавои ин гуна осори таҳқиқӣ унвонҷуро водор сохтааст, ки онҳоро ба дастаҳои зерин ҷудо намуда, самти асосии таваҷҷуҳи муҳаққиқонро дар ифшои ин масъала дар 5 зерфасл нишон диҳад, ки чунинанд: 1.Осори таҳқиқии ба вазифаи асосии пешояндҳо равонагардида; 2.Осори таҳқиқии марбут ба доираи маъноии пешояндҳо; 3.Осори таҳқиқии ифшокунандаи вазифаҳои мухталифи грамматикии пешояндҳо; 4. Осори таҳқиқии ба хусусияти муродифӣ зоҳир кардани пешояндҳо; 5.Осори таҳқиқии ба қабатҳои мухталифи услубӣ тааллуқ доштани пешояндҳо. Омӯхтани тобишҳои маъноӣ ва вижагиҳои корбурди пешояндҳои забони тоҷикӣ аз ҷониби забоншинос Р.Л. Неменова сурат гирифтааст. Дар муқаддимаи рисола оид ба анвои пешояндҳо ва таҳаввулу ташаккули онҳо маълумоти иҷмолӣ дода шуда қайд мегардад, ки бархе аз қолабҳо имрӯз аз доираи истифодаи забони адабӣ берун монда, дар осори классикон истифодаи густурда доштанд. Бино ба андешаи ӯ, «дар тули таърих пешояндҳои забони тоҷикӣ дучори ҳодисаҳои айниву зеҳнӣ гашта, аксари онҳо маънои пешини худро то имрӯз ҳифз кардаанд» [дисс., с. 25].

**Боби дувуми** диссертатсия «Таҳаввули вазифаи ҳиссаҳои ёвари нутқ дар даврони бостон ва миёна» унвон дошта, фарогири ду фасл аст.

Фасли **аввал** «Пешояндҳо» ном дошта, гуфта мешавад, ки ҳарчанд миқдори пешояндҳо дар забони форсии бостон нисбат ба давраи миёна камтар аст, лекин нақши онҳо дар сурат гирифтани муносибатҳои грамматикии байни унсурҳои луғавӣ хеле густурда буда, дар матни катибаи Бесутун пешояндҳо аксар вақт чун ҳозира пеш аз калимаҳо омада, барои амалӣ гардидани робитаи калимаҳо истифода шудаанд. Пешояндҳо дар забони порсии қадим калимаҳоеанд, ки сарчашмаи аслии онҳо зарфҳо буданд. Аксари он зарфҳо бо ҳиссаҳои номӣ омада, вазифаи пешоянд ва бо феълҳо омада, вазифаи пешвандро адо мекарданд. Махсусан, вазифаи он зарфҳоеро, ки ҳам ба вазифаи пешоянд ва ҳам пешванди феълӣ меомаданд, ҷудо кардан душвор буд. Як хусусияти пешояндҳои ин давра ҳамин аст, ки агар қисме фақат бо шакли алоҳидаи падежии калимаҳо истифода шаванд, пас силсилаи дигарашон бо якчанд шакли падежии вожаҳо истеъмол мегаштанд.

Фасли **дувум** «Пайвандакҳо» унвон дошта, дар ин фасл ду гурӯҳи пайвандакҳоро дар асоси маводи катибаҳои порсии қадим муҳаққиқ мавриди таҳлил қарор дода, андешаҳои муҳаққиқони таърихи забонро доир ба

мазмуну мундариҷаи пайвандакҳо ва вазифаҳои дастурии онҳо манзур мегардонад, ки хеле ҷолиб аст.

Боби **сеюми** диссертатсия бо унвони «Усулҳои истифодаи ғайримаъмули пешояндҳову пасояндҳо дар осори садаҳои X-XIII ва даврони муосир» ёд мешавад ва фарогири панҷ фаслу ҳафт зерфасл буда, дар онҳо корбурди пешояндҳои аслии сода ба вазифаи ҳамдигар, истифодаи пешояндҳо ба вазифаи ҳиссаҳои нутқи ёрирасони дигар, пешояндҳои аслии сода ба вазифаи бандаки изофӣ, вижагиҳои корбурди пешояндҳои номии изофӣ ва таркибии номии изофӣ, пасоянди «-ро» ба вазифаи пешояндҳо ва бандаки изофӣ баррасӣ гардидааст.

Фасли **якуми** боби сеюм «Корбурди пешояндҳои аслии сода ба вазифаи ҳамдигар» номгузорӣ шуда, дар ин фасл мақоми пешояндҳои аслии содаи забони тоҷикӣ ва ба вазифаи якдигар омадани онҳо бо мисолҳо нишон дода шуда, аз 5 зерфасл иборат аст ва дар ҳар як зерфасл вазифаҳои пешояндҳои алоҳида оварда шуда, мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Фасли **дуюми** боби сеюм «Истифодаи пешояндҳо ба вазифаи ҳиссаҳои ёвари нутқи дигар» унвон дошта, дар ин фасл пешояндҳо ва истифодаи онҳо ба вазифаҳои ҳиссаҳои ёвари нутқи дигар мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Аз баррасии вижагиҳои истифодаи пешояндҳои осори садаҳои X-XIII ва қиёсашон бо даврони муосир бармеояд, ки онҳо танҳо дар доираи пешояндҳо вижагии ҳамвазифагӣ зоҳир накарда, афзун бар он дар иҷрои вазифаҳои ҳиссаҳои ёвари дигар низ саҳмгузорӣ намудаанд. Пеш аз ҳама, ин гурӯҳи калимаҳо дар осори манзуму мансури ин даврон ба ҳайси пайвандакҳои пайвасткунандаву тобеъкунанда, навъҳои алоҳидаи ҳиссачаҳо мавриди истифода қарор доштанд. Ин фасл аз се зерфасл иборат буда, дар ин зерфаслҳо масъалаҳои алоҳида баррасӣ гардидаанд.

Дар фаслҳои **сеюму чорум** ва **панҷуми** боби сеюм доир ба пешояндҳои аслии сода ба вазифаи бандаки изофӣ, вижагиҳои корбурди пешояндҳои номии изофӣ ва таркибии номии изофӣ, омадани пасоянди «-ро» ба вазифаи пешояндҳо ва бандаки изофӣ маълумот дода, истифодаи пешояндҳои номии изофиро бо маънову вазифаи хосса дар осори адибони классикӣ ва муосир муайян карда шудааст.

Боби **чоруми** диссертатсия «Усулҳои истифодаи ғайримаъмули пайвандакҳо дар осори садаҳои X-XIII ва даврони муосир» номгузорӣ шуда, аз се фаслу ёздаҳ зерфасл таркиб ёфта, ба корбурди ғайримаъмулии пайвандакҳои пайвасткунандаву тобеъкунанда дар осори садаҳои X-XIII ва даврони муосир бахшида шудааст.

Боби **панҷуми** диссертатсия «Мавридҳои хоссаи истифодаи ҳиссаҳои ёвари нутқ дар осори садаҳои X-XIII ва даврони муосир» номгузорӣ шуда,

шомили чор фасл аст ва дар ҳар як фасл як масъалаи рабтдошта мавриди таҳлил қарор гирифтааст.

Хулосаи диссертатсияи доктории Курғанов Зохид Дехканович дар мавзуи «Таҳқиқи муқоисавӣ-таърихии унсурҳои ёвари сервазифаи осори садаҳои X-XIII бо даврони муосир» фарогири асоситарин ва муҳимтарин бардоштҳои илмии муаллиф буда, дар 29 банд фароҳам омадаанд. Инчунин дар бахши тавсияҳо, ки аз 6 банд иборат аст, муҳиммияти мавзуъ ва корбурди натиҷаҳои онҳо дар раванди таълиму таҳқиқ оварда шудааст.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия 34 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин номгӯйи 17 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 17 мақола дар маҷмуаҳои гуногуни илмӣ ба чоп расидаанд. Маводи интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос менамоянд. Теъдоди маводи чопнамудаи диссертант ба талаботи банди 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**. Диссертатсияи доктории Курғанов Зохид Дехканович дар мавзуи «Таҳқиқи муқоисавӣ-таърихии унсурҳои ёвари сервазифаи осори садаҳои X-XIII бо даврони муосир» ба талаботи бандҳои 31 ва 33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

**Эродҳо ба диссерртатсия.** Дар баробари дастовардҳои илмӣ ва муҳокимаю натиҷагириҳои ҷолиби таваҷҷуҳ дар диссертатсия баъзе норасоиҳо ба мушоҳида расиданд, ки бо нияти пешрафти корҳои таҳқиқии минбаъдаи муаллиф, зикри онҳоро зарур меҳисобем:

1. Мундариҷаи рисола аз панҷ боб таркиб ёфта бошад ҳам, дар онҳо таносуб то андозае риоя нагардида, ба таври зайл аст: боби 1 – 32 саҳифа, боби 2 – 44 саҳифа, боби 3 – 57 саҳифа, боби 4 – 67 саҳифа ва боби 5 – 42 саҳифа. Аз нигоҳи ҳаҷм бобҳои якум ва дуюм ба талабот мувофиқ набуда, ба назари мо, хуб мешуд, ки ҳар ду боб якҷоя карда мешуданд, шаҳомату шукӯҳи диссертатсия афзун гардида, ҷанбаи илмии он дучанд мегардид. Зеро дар ин боб дараҷаи омӯзиши ҳиссаҳои ёвари нутқ аз нигоҳи таърихият баррасӣ мегардад ва мебоист дар боб ва ду фасли он ҳамин масъалаҳо ҳалли худро меёфтанд, ҷанбаи назариявии диссертатсия боз афзун мегардид.

2. Дар оғозу анҷоми бобҳо муқаррароти таҳияи кори илмӣ то андозае риоя нагардидааст, яъне дар оғози бобҳо овардани ифодаи матолиби муқаддимавӣ  ва дар охири онҳо хулосаи бобҳо сарфи назар шудааст. Ин мулоҳизаҳо мувофиқи муқаррароти таҳияи рисолаҳои илмӣ буда, бояд дар таҳияи рисолаҳои илмӣ риоя гардад.

3. Дар овардани номгӯйи адабиёт дар феҳрасти адабиёт низ яксони дида намешавад ва дар таҳияи он ба ғалатҳои техникӣ, имлоӣ роҳ дода шуда, зикри нодурусти он ва адабиёти ба мавзуъ рабт надошта оварда шудаанд, ки то андозае ин хилофи муқаррароти кори илмӣ аст. Хуб мешуд, ки номгӯйи адабиёти соҳавӣ бештар ин ҷо оварда мешуд. Инчунин номгӯйи на ҳама адабиёти дар бахши дараҷаи омӯзиши мавзуъ овардаву мавриди баррасӣ қарор гирифта дар феҳрасти адабиёт оварда шудааст.

4. Ҳангоми овардани иқтибосот аз осори илмии донишмандон ва фарҳангномаҳо, аксаран, суханони онҳо дар нохунак гирифта намешавад, ки ин боиси махлут шудани сухани муаллиф ва иқтибосот мегардад [саҳ. 21, 24 ва ғ.].

5. Дар таҳияи рисолаи илмии мавриди тақриз як даста ғалатҳои имлоӣ, техникӣ ва услубӣ роҳ ёфтаанд, ки ислоҳи онҳо ба фоидаи кор хоҳад буд.

Ба таври  умум, эродҳои зикршуда ислоҳпазир буда, ҳангоми таҳия ва нашри монография ба назар гирифтани онҳо ба арзиш ва аҳаммияти илмию амалии кори таҳқиқии Курғанов Зохид Дехканович ҳусни  аз ин ҳам бештар зам менамоянд.

**Қисмати хотимавии тақриз**. Диссертатсия бо услуби илмӣ таҳия гардида, пайдарпайии қисматҳои он риоя гардидаанд.

Автореферат ва мақолаҳое, ки довталаби дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи таҳқиқшаванда нашр намудааст, муҳтавои асосии диссертатсияро фаро гирифта, кори анҷомёфтаи диссертатсионӣ ба ҳисоб меравад.

Мавзуи интихобнамудаи унвонҷӯ ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқи шиносномаи ихтисоси илмии 10.02.00.–Забоншиносӣ (10.02.20.–Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқобилавӣ) комилан мувофиқат менамояд.

Коркарди амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ба меъёр ва талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди  Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошанд.

Хулоса, диссертатсияи доктории Курғанов Зохид Дехканович дар мавзуи «Таҳқиқи муқоисавӣ-таърихии унсурҳои ёвари сервазифаи осори садаҳои X-XIII бо даврони муосир» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.00.–Забоншиносӣ (10.02.20.–Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқобилавӣ) ба талаботи

бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.00.–Забоншиносӣ (10.02.20.–Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ,қиёсӣ ва муқобилавӣ) сазовор мебошад.

Тақризи мазкур бо назардошти талаботи бандҳои 71 ва 72-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, омода гардидааст.

**Муқарризи расмӣ:**
Доктори илмҳои филологӣ, профессори
кафедраи таърихи забон ва типологияи
факултети филологияи
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Ҳомидов Дилмурод Раҷабович
«29» апрели соли 2024.

**Суроға:** 734064, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Дилкушо, бинои 28/1, ҳуҷраи 7.
**Тел.:** (+992) 907-79-82-65
**E-mail:** homidov65@mail.ru

«Имзои доктори илмҳои филологӣ Ҳомидов Дилмурод Раҷабовичро тасдиқ мекунам».
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Тавқиев Э. Ш.
«29» апрели соли 2024.

**Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
**Тел.:** (+992) 221-77-11
**Факс:** 227-15-10
**E-mail:** info@ tnu.tj
**Сомонаи муассиса:** www.tnu.tj